# Мавзӯи 10: Асосҳои ҳуқуқии ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон

## Мафҳуми ҳукумати электронӣ

Дар шакли густурда истифода шудани технологияҳои замонавӣ дар идоракунии давлатӣ ҷомеаи ҷаҳониро водор намуд, ки онро шартан «ҳукумати электронӣ» ном баранд. Мафҳуми "ҳукумати электронӣ" аз ҷониби якчанд муаллифон пешниҳод шудааст. Дар энсиклопедияи Википедия зикр шудааст, ки "ҳукумати электронӣ - ин компютерикунонии ҷараёнҳои ба коғазгузорӣ ("коғазбозӣ") асос ёфта мебошад, ки дар натиҷаи он усули нави идоракунӣ, роҳҳои нави мубоҳиса ва қабули қарорҳои тақдирсоз, роҳҳои нави пешбурди тиҷорат, роҳҳои нави муоширату шунидани мардум ва роҳҳои нави ташкилу коркарди иттилоот пайдо мегарданд"[1].

Ҳамзамон дар банди 6-и Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "ҳукумати электронӣ" чунин пешбинӣ шудааст: "шакли нави ташкил намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеи ТИК сатҳи нави фаврият ва муносиби аз ҷониби шаҳрвандон ва муассисаҳо дарёфт намудани хизматҳои иҷтимоӣ ва иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад".

Дар мафҳумҳои ҳукумати электронӣ чунин унсурҳои муҳим дида мешаванд:

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд - ТИК)

Татбиқи ТИК дар фаъолият

Мақсади татбиқи ТИК дар фаъолият

ТИК аз маҷмӯи воситаҳои технологӣ (радио, телевизион, телефон, компютер, интернет, технологияҳои моҳворагию бесим ва ғ.) ва нармафзорҳое, ки барои истеҳсол, густариш, коркард, ҳифз ва мубодилаи иттилоот истифода мешаванд иборат мебошад. Раванди рушди ТИК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондодҳои оморӣ ва таҳлилҳо хуб мебошад. Масалан, шумораи симкортҳои телефони мобилӣ аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ зиёд шудааст, шумораи шахсони аз интернет истифодабурда дар ҶТ аз 50 % боло рафтааст.

Унсури дуюм, татбиқи ТИК дар фаъолият мебошад. Татбиқи ТИК бояд фарогири фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ) бошад. Масалан, агар мақомоти андоз ҳисоботҳоро бо тариқи электронӣ қабул намояд, аммо тоҷирон ТИК-ро истифода карда натавонанд, ё баръакс тоҷирон ТИК - ро истифода намуда тавонанду

[1] The common theme behind these definitions is that e- government involves the automation or computerization of existing paper-based procedures that will prompt new styles of leadership, new ways of debating and deciding strategies, new ways of transacting business, new ways of listening to citizens and communities, and new ways of organizing and delivering information.

мақомоти давлатӣ не,  пас “ҳукумати электронӣ” амалӣ намегардад. Агар ба Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назар намоем, он ҷо бештар ба  “фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ” ишора шудааст. Аммо ин ҳанӯз ҷамъбасти кор нест, яъне он қадар муҳим нест, ки мафҳуми “ҳукумати электронӣ” дар консепсияи зикршуда чӣ гуна дода шудааст, балки муҳимтар он аст, ки ҳукумати электронӣ чӣ гуна васеътар татбиқ мешавад, яъне натанҳо дар доираи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, балки дар доираи дигар мақомоти давлатӣ низ он бояд татбиқшаванда бошад. Албатта тамоми фаъолиятро намешавад, ки тавассути ТИК ба роҳ монд. Масалан, мешавад, ки қарорро бо шакли электронӣ қабул ва имзо кард, аммо баъзе ҳаракатҳои воқеии инсонро ба шакли электронӣ анҷом додан ғайриимкон мебошад (масалан таъмири бино аз ҷониби шахсе, ки ба бино зарар расонидааст). Мутахассисони рус тасдиқ менамоянд, ки 70% хадамоти давлатӣ имкони тавассути ТИК амалӣ шудан дорад. Дар Тоҷикистон баъзе хадамот бо тариқи электронӣ (масалан ҳисоботҳои электронӣ дар мақомоти андоз, супоридани тест дар маркази тестӣ ва ғайра) сурат мегирад.

Унсури сеюм, мақсади татбиқи ТИК дар фаъолият аст, ки ин албатта бо мақсади мусбӣ бояд фаҳмида шавад. Яъне сифат ва суръати фаъолият, муносибати тарафайн мунтазам бояд беҳтар гардад. Умуман, натанҳо ТИК, инчунин давлат, қонун ва дигар падидаҳо низ барои он заруранд, ки баҳри беҳтар намудани шароити инсон хизмат намоянд. Аз ҳамин хотир татбиқи ТИК дар фаъолият ин зинаи нави беҳбудии сифат ва суръати фаъолияти субъектҳо аст.

Яъне, ҳукумати электронӣ, мақомоти нави давлатӣ нест, балки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳои ҷомеа дар шакли электронӣ ба роҳ мондани қисме аз фаъолияти хеш аст, маҳз ҳамон қисме ки тавассути ТИК татбиқаш имконпазир аст. Дар ин ҷараён давлат имконият ва нақши асосиро доро мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҳукумати электронӣ  яклухт нест, воқеан чун як субъект вуҷуд надорад ва ибораи шартие ҳаст, ки аксари соҳаҳои фаъолияти давлат, ҷомеа ва инсонро метавонад фаро гирад.

**Нақши ҳуҷҷатгузории электронӣ дар ташаккули ҳукумати электронӣ**

Ҳуҷҷатгузории электронӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ҳукумати электронӣ мебошад. Ҷараёни мазкур пеш ҳама тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ” ба танзим даровarда мешавад. Ҳуҷҷати электронӣ маълумоте мебошад, ки дар ҳомили мошинӣ сабт шудааст ва ба талаботи муқарраркардаи қонуни мазкур мувофиқат мекунад.

Мувофиқи моддаи 6-и қонуни мазкур ба ҳуҷҷатҳои асосӣ талаботҳои зерин хос аст:

- тавассути воситаҳои барномавӣ ва техникӣ тайёр шуда, коркард шавад, ирсол, қабул ва ҳифз гардад;
- дорои нишонаҳое бошад, ки имкониятдиҳандаи ҳаммонандкунии он бошанд;
- дар шакле пешниҳод гардад, ки қобили қабули фаҳми инсон бошад.

Ҳуҷҷатгузории электронӣ се давраро фаро мегирад: **1)** таъсиси ҳуҷҷатгузории электронӣ дар дохилӣ ҳар як мақомот ва ташкилоту муассиса; **2)** ба роҳ мондани муносибати мутақобилаи электронии байни мақомоти давлатӣ; **3)** аз ҷониби мақамоти давлатӣ ба аҳолӣ расонидани хадамоти давлатӣ тавассути ҳуҷҷатгузории электронӣ.

Барои ба вуҷуд овардани чунин муносибатҳо бештар корҳои ташкилӣ зарур мебошанд. Яъне аз шакли «коғазии ҳуҷҷатгузорӣ» ба шакли электронӣ гузаштан зарур, ки ин кор пеш аз ҳама дониш, таҷриба ва эҷодкориро талаб менамояд.

Барои ба вуҷуд овардани системаи ҳуҷҷатгузории электронӣ дар дохили ҳар як ташкилот лозим аст, ки аввалан дастурамали намунавии ҳуҷҷатгузории электронӣ таҳия ва барои татбиқ пешниҳод карда шавад. Зеро бидуни ягонасозии усули корӣ дар ин самт ҳалли масъалаи мазкур ғайриимкон аст.

Айни ҳол коргузории “анъанавӣ” тибқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкиотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "28" июли соли 2017, № 358 тасдиқ шудааст.

Дар бандҳои 46-51-и Дастурамали мазкур талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои тавассути таҷҳизоти компютерӣ омодашуда муайян шудааст.

Аз ҷумла дар банди 48 -51 чунин муайян шудааст:

Ҳангоми ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин ва андозаи ҳошияҳо ҳатман риоя шаванд:

- мактуб дар лифофа фиристода шавад;

- бо ҳуруфи Times New Roman бо истифодаи алифбои тоҷикӣ андозаи 16 ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозаи 14 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо пешниҳод шавад;

- саҳифабандӣ кардани ҳуҷҷатҳое, ки аз 1 саҳифа зиёданд;

- истифодаи ҳуруфи муқаррарӣ бе ҳарфҳои ҷафс;

- меъёри ҳудуди бланк дар варақи чопӣ: аз боло 1,5 см; аз чап 2,5 см; аз поён, барои андозаи А4 - на камтар аз 4 см ва барои андозаи А5 - на камтар аз 1 см.

Матни ҳуҷҷат бо фосилаи як ё якуними байнисатри чоп карда мешавад.

Сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи муайян аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ дар баробари ҳуҷҷати ирсолшаванда шакли электронии он низ пешниҳод карда мешавад.

Ҳамин тариқ гузариш ба ҳуҷҷатгузории электронӣ ин падидаест, ки онро мо бояд дар ҳар як соҳа амалӣ намоем.

**Нақши имзои электронӣ дар ташаккули ҳукумати электронӣ**

Бояд зикр намуд, ки имзои электронӣ дар бунёди ҳукумати электронӣ нақши асосӣ дорад. Зеро, гардиши эътимодноки ҳуҷҷатҳои электрониро маҳз имзои электронӣ таъмин менамояд. Дар ҳаёти воқеӣ барои бастани аҳди хаттӣ мавҷудияти имзо ҳатмӣ мебошад (моддаи 185-и КГ ҶТ). Айнан ҳамин гуна ҳолат дар ҳуҷҷатгузории электронӣ низ татбиқпазир аст. Тибқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ", имзои электронии рақамӣ қисми таркибии ҳуҷҷати электронӣ мебошад. Яъне бидуни имзои электронии рақамӣ ҳуҷҷатҳои электронӣ нокомил мебошанд. Дар таҷрибаи Тоҷикистон имзои электронии рақамӣ айни ҳол дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ва ҳисоботсупории андоз истифода шуда истодааст, аммо чунин имзо дар коргузорӣ васеъ истифода намешавад. Сабаб дар он аст, ки низоми додан ва мавриди ба истифода қарор гирифтани чунин имзоҳо васеъ рушд наёфтааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" тартиби гирифтан ва истифодаи имзои электрониро муайян менамояд. Ҳамзамон дар қонунгузории Тоҷикистон истифодаи имзои электронии рақамӣ дар якчанд санадҳо пешбинӣ шудааст, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ", моддаи 74-и Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон , моддаҳои 2, 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз", моддаи 9-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот", моддаи 14-и Қонуни ҶТ "Дар бораи иттилоотонӣ", моддаи 185-и КГ ҶТ, моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хазинадорӣ" ва дигар санадҳои зерқонунӣ.

**Масъалаҳо**

**Масъалаи №1.** Аҳмад ҳангоми бастани шартнома бо шарикони хориҷиаш дар шартнома имзояшро гузошт ва он шартномаро скан намуда, ба шарикони хориҷиаш фиристод. Шарикони хориҷии Аҳмад шартномаро қабул карда, имзои худро гузошта, онро скан карда ба Аҳмад фиристоданд. Баъди замоне байни онҳо баҳс шуд. Дар Суди иқтисодӣ судя шартномаи мазкурро таҳлил намуда, хулоса намуд, ки шартномаи мазкур ба талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" мувофиқ нест. Зеро, скан кардани имзо маънои имзои электронии рақамиро надорад. Амали тарафҳо, хулосаи судя ва имзои сканшударо баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Масъалаи №2.** Самад ҳамчун директор Низомномаи дохилиидоравии ҳуҷҷатгузориро таҳия карда, тасдиқ намуд ва барои иҷро ба кормандон ва сохторҳои корхона барои шиносоӣ ва иҷро тавассути почтаи электронии ҳар корманд ирсол намуд. Баъди замоне байни роҳбарият ва корманди хоҷагидории корхона баҳс ба вуҷуд омад. Корманди хоҷагидории корхона аз иҷрои элекронии ҳуҷҷатгузорӣ саркашӣ карда, далел пеш меорад, ки ӯ гарчанде, Низомномаи дохилиидоравии ҳуҷҷатгузориро дар почтаи электрониаш қабул карда бошад ҳам, аммо бо он расман шинос нашудааст ва онро имзо накардааст. Барои ҳамин ҳам иҷрои чунин санад барои ӯ ҳатмӣ нест. Иҷрои санад барои корманд он гоҳ ҳатмӣ

мешавад, ки агар ӯ шинос шуда, имзо карда бошад. Амали роҳбарият ва Самадро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

## Тестҳо

**№1. Ҳукумати электронӣ ба кадом шохаи ҳокимияти давлатӣ дахл дорад?**

А) Иҷроия;
Б) Судӣ;
В) Қонунгзор;
Г) Ба ҳамааш.

**№2. Ҳукумати электронӣ ба кадоме аз иборaҳои мазкур асос меёбад?**

А) Идоракунии электронӣ;
Б) Пулҳои электронӣ;
В) Сервер;
Г) Интернет.

**№3. Аломатҳои ҳуҷҷатгузории электрониро номбар намоед?**

А) тавассути воситаҳои барномавӣ ва техники тайёр шуда, коркард шавад, ирсол, қабул ва ҳифз мегардад;

Б) дорои нишонаҳое мебошад, ки имконияtдиҳандаи ҳаммонандкунии он мебошанд;

В) дар шакле пешниҳод мегардад, ки қобили қабули фаҳми инсон мебошад;

Г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**№4. Давраҳои ҳуҷҷатгузории электрониро номбар намоед?**

А) Таъсиси ҳуҷҷатгузории электронӣ дар дохилӣ ҳар як мақомот ва ташкилоту муассиса;

Б) Ба роҳ мондани муносибати мутақобилаи электронии байни мақомоти давлатӣ;

В) Аз ҷониби мақамоти давлатӣ ба аҳолӣ расонидани хадамоти давлатӣ тавассути ҳуҷҷатгузории электронӣ;

Г) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**№5. Имзои электронӣ дар кадом ҳуҷҷатҳо ҳатмӣ намебошад?**

А) дар ҳуҷҷатҳои электроние, ки қонунгузорӣ мавҷудияти чунин имзоро талаб дорад;

Б ) дар ҳуҷҷатҳои электроние, ки тарафҳо муайян кардаанд;

В) дар ҳамаи ҳуҷҷатҳо;

Г ) ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.

## Саволҳои кори хаттӣ

- Дар бораи Консепспияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳед.
- Қонунҳое, ки бевосита барои ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд тавсиф намоед.
- Ҳуҷҷатҳои электронӣ аз кадом реквизитҳо иборат аст?
- Имзои электронӣ ва намудҳои онро шарҳ диҳед.
- Дастурамалҳои доихиидоравӣ доир ба ҳуҷҷатгузории электронӣ дастрас ва таҳлил намоед.

## Саволҳои худсанҷишӣ

Ҳукумати электронӣ чист?

Ҳукумати электронӣ бо кадом мақсад ташкил карда мешавад?

Унсурҳои асосии ҳукумати электронӣ кадомҳоянд?

Мисолҳо аз ташаккули ҳукумати электронӣ?

Кадом санадҳои ҳуқуқии ҷиҳати ташаккули ҳукумати электронӣ қабул шудааст?

## Адабиёт

Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 / Адлия 7.0.

Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "28" июли соли 2017, № 358 / Адлия 7.0.

Меликов У.А. Консепсияи рушди қонунгузории иттилоотии ҶТ // Маҷалаи академии ҳуқуқ, 2020, №2. С. 19-26.